# “Tajik state university of commerce”

# Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

**Week 14:**

## Conditions and necessity for attracting foreign investment to the economy of Tajikistan

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of*:** Conditions and necessity for attracting foreign investment to the economy of Tajikistan

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 14.**

**ШАРТУ ЗАРУРИЯТИ ҶАЛБИ САРМОЯҲОИ ХОРИҶА ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН**


***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Тарзҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ

**2.Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Мукаммалсозии донишҳо оид ба мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ, аз баркунии махсусиятҳо ва имтиёзҳо ба сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин пайдо кардани маълумот доир ба объект ва намудҳои сармоягузорӣ.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Сармоягузорӣ – ин воситаҳои пулӣ, саҳмҳои бонкӣ, ҳисса (аъзоҳаққӣ), саҳмияҳо, дигар коғазҳои қиматнок, технологияҳо, мошинҳо, таҷҳизот, иҷозатномаҳо (литсензияҳо), аз он ҷумла, тамғаҳои молӣ, кредитҳо, ҳар гуна амвол ё ҳуқуқи молумулкӣ, арзишҳои зеҳнӣ мебошад, ки ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият бо мақсади ба даст овардани фоида (даромад) ва ноил гардидан ба самараи мусбии иҷтимоӣ сахмгузорӣ мегардад.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Сармоягузорӣ – ин ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқи молу мулкӣ (ба истиснои молу мулке, ки ба истифодабарии шахсӣ ва ё бо фаъолияти фурӯши мол бе коркарди он алоқаманд аст), бо шумули маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию-технологӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯи ҳуқуқи моликият мансубанд ва аз тарафи ӯ ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок гузошта шудаанд.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Ҳамкориҳои сармоягузорӣ ин - муносибатҳои иқтисодии байналмилалиест, ки мақсади он тақсимоти самараноки захираҳо, ноилшавии давлатҳо ба натиҷаҳои баландтар аз ҳисоби истифодаи афзалиятҳои иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат мебошад.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Низоми байналхалқии асъориву молиявӣ – ин созишномаи байналмилалӣ, шакли ташкили муносибатҳои асориву молиявӣ, ки мустақилона фаъолият мекунад ё ба ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо ва омилҳои истеҳсолӣ хизмат мерасонад. Дар шароити муосир яке аз шаклҳои маъмул оид ба низоми байналхалқии асъориву молиявӣ ин созишнома ба шумор меравад, ки дар асоси он тамоми амалиётҳои анҷом дода мешаванд.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

## Субъектҳои иқтисодиёти ҷаҳон

- Иқтисодиёти миллӣ;
- Иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ;
- Корпоратсияҳои байналмилалӣ (трансмиллӣ);
- Созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ.

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

## Созмонҳои байналмилалии молиявӣ

- Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) (сиёсати макроиқтисодӣ)
- Гурӯҳӣ бонки ҷаҳонӣ (сиёсати сохторӣ)
- Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (сиёсати савдо)
- Системи Созмони Милали Муттаҳид - СММ (сиёсати иҷтимоӣ)
- Бонки Аврупоии Таҷдид ва тараққиёт
- Бонки Осиёии Рушд
- Бонки Исломии Рушд

# Мафҳум ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ

Дар шароити муосир нақши созмону институтҳои байналмилалӣ дар баланд бардоштани иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад, зеро чунин созмону институтҳои байналмилалӣ бо доштани лоиҳаҳои бузург метавонанд ба дилхоҳ мамлакат барои баланд бардоштани иқтисодиёт ваорид намудани технологияҳои нави муосир, омода намудани кадрҳои баландихтисос, таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ ва ҷалби бештари сармоягузорӣ нақши муҳим гузоранд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонуни дар бораи сармоягузориҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Мақсади асосии қабулии қонуни мазкур пеш аз ҳама муҳаё намудани шароит барои ҷалби сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки тавонанд озодона ба ин ё он бахш сармоягузорӣ намоянд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Қонун «Дар бораи сармоягузориҳо» муносибатҳои вобаста ба сармоягузорӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодии фаъолгардонӣ, ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии сармоягузориро бо роҳи пешниҳоди низоми ҳуқуқии одилона, баробар ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Мақсади қонуни мазкур ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб кардан ва самарабахш истифода бурдани захираҳои моддӣ ва молиявӣ, техника ва технологияи муосир, таҷрибаи идоракунӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин шароити истифодаи озод, шаффофият, соҳибият ва ихтиёрдории сармоягузорӣ, риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи байналмилалии ҳамкории сармоягузорӣ мебошад.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба созишномаи сармоягузории ба татбиқи лоиҳаи сармоягузории соҳаҳои аз лиҳози стратегӣ муҳим ва афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равонакардашуда танзим намуда, ба ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

- **созишномаи сармоягузорӣ** – созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузор баимзорасонидашуда оид ба татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ;
- **сармоягузор** – шахси ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ менамояд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

– лоиҳаи тиҷоратие, ки ҳаҷми назарраси сармоягузориро пешбинӣ намуда, дараҷаи баланди таваккалҳои молиявӣ, технологӣ, экологӣ ва дигарро дар бар мегирад ва барои рушди бахши муайяни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон аз лиҳози стратегӣ муҳим мебошад.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Тибқи Конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои сармоягузорӣ дар намудҳои зерин дода мешаванд:

- имтиёзҳои андозӣ;
- имтиёзҳои гумрукӣ;
- додани грантҳои аслии давлатӣ.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Тибқи созишномаи сармоягузорӣ сармоягузор ҳуқуқ дорад натиҷаҳои фаъолияти сармоягузориро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд, инчунин ҳуқуқ дорад сармоягузории такрорӣ ва фаъолияти тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он амалӣ гардонад. Дар асоси созишномаи сармоягузорӣ, сармоягузор метавонад даромади худ ва ё қисми онро дар шакли маҳсулот, мол ва хизматрасонии дар бозор бадастоварда содирот намояд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Мақсади дастгирии давлатии сармоягузорӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорӣ, бунёд намудани истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияи муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист ва додани имтиёзҳо барои дастгирии соҳаи сармоягузорӣ мебошад.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

**Ҷараёни сармоягузорӣ.**

Механизми якҷоясозии субъектҳое, ки маблағ пешниҳод мекунанд ва субъектҳое, ки ба он талабот доранд - ҷараёни сармоягузорӣ меноманд. Дар ин раванд он субъектҳое, ки сармоягузорӣ менамоянд, кӯшиш менамоянд, ки қисман ё тамоми саҳоми он корхона ё ташкилотро аз они худ намоянд ва фаъолияти онҳоро пурра таҳти назорати хеш қарор диҳанд.

# Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ

Давлатҳои алоҳида, тавассути институтҳои онҳоро муаррификунанда, ширкатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин шахсони воқеӣ метавонанд иштирокчиёни асосии чараёни сармоягузории байналмилалӣ бошанд. Ҳар як иштирокчӣ метавонад ҷониби талабот ё ҷониби пешниҳоди сармоя бошад.

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ инҳо мебошанд:

- молу мулки ғайриманқул;
- коғазҳои қиматнок;
- моликияти зеҳнӣ;
- дигар объектҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро дар онҳо манъ накардааст.

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ:

- фаъолияти сармоягузории хусусие, ки онро шаҳрвандон, корхонаҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд;
- фаъолияти сармоягузории давлатие, ки онро мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳисоби фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, маблағҳои худӣ ва қарзӣ амалӣ мегардонанд;

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

- фаъолияти сармоягузории хориҷие, ки онро шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ, муассисаҳои молиявии байналмилалӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд амалӣ мегардонанд;
- фаъолияти сармоягузории муштарак, ки шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ амалӣ менамоянд.

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Сармоягузориҳои воқеъӣ. Дар алоқамандӣ аз самти истифодабарӣ инвеститсияҳо ба намудҳои воқеӣ (инвестисия ба активҳои моливу моддӣ – замин, сохтмон, таҷҳизот) ва молиявӣ (дар намуди қайдҳои маблағ дар ҳисобҳои корхона ва шакли электронӣ). Чунин намуди сармоягузорӣ метавонанд, дар оянда барои бунёди корхонаҳои нави замонавӣ саҳмгузор бошад, зеро дар оянда барои гирифтани фоида муфид ба ҳисоб меравад.

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Сармоягузории мустақим – ин маблағгузориест, ки ҳуқуқи моликиятро доро мебошад, инчунин сармоягузор дар идоракунӣ иштирок ва таъсир ба стратегияи корпоратсияро дорад. Сармоягузориҳо мустақим эътироф мегарданд, вақте ки сармоягузор бастаи назоратии саҳмияро доро бошад.

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

Сармоягузориҳо мустақим бевосита аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор бе кафолати давлатӣ ҷалб карда мешаванд ва ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) сармоягузориҳои трансконтиненталӣ ин бо дарназардошти иқтидори бозор ва тавассути маҷмааи нави истеҳсолӣ ба бозори нав баровардани молҳо амалӣ карда мешавад;

# Объект ва намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ

2) сармоягузориҳои трансмиллӣ – бо мақсади кам кардани хароҷоти ширкатҳои асосӣ (материнской компании) ба роҳ монда мешавад ва одатан молҳои ин корхонаҳо ба давлатҳои ҷаҳони сеюм бароварда мешаванд.

Инчунин, сармоягузориҳо ба кутоҳмуддат (то 1 сол), миёнамуҳлат (аз 1 то 5 сол) ва дарозмуддат (зиёда аз 5 сол) ҷудо мешаванд, ки аксари сармоягузориҳо метавонанд бештарашон дарозмуддат бошанд.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

Тарзҳои ҷалби сармояи беруна ба фаъолияти як ширкат, ташкилот ё давлат метавонанд гуногун бошанд ва вобаста ба мақсад ва самти фаъолият интихоб шаванд. Инҷо тарзҳои асосии ҷалби сармояи беруна оварда шудаанд:

- таъсиси корхонаҳои муштарак (аз ҷумла – бо роҳи фурӯши бастаи саҳмияҳои корхонаҳои саҳҳомӣ ба сармоягузорон);
- бақайдгирии корхонаҳое, ки пурра ба сармояи хориҷӣ мансубанд;

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

- ҷалби сармояи хориҷи дар асосҳои консесионӣ ва ё созишнома дар бораи тақсимоти маҳсулот;
- таъсисдиҳии Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ).

Ҳукумат барои ҷалби сармоя имтиёзҳои андозӣ, соддасозии расмиёт ва дигар шароити мусоид фароҳам меорад.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

**Нишондодҳои асосии он:**

- ҳарчи бештар ҷалб намудани сармояи хориҷа дар соҳаҳои саноат;
- муайян намудани имкониятҳои байналхалқӣ;
- баҳисобгирии масъалаҳои рушди дурнамоии ташкилу фаъҳолияти корхонаҳои муштарак.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

Таҳлили вазъи иқтисодии давлатҳои ба муносибатҳои бозорӣ гузаронда нишон дод, ки ин давлатҳо аломатҳои хос доранд:

- пайравии назараси ҳаҷми маҳсулот;
- вайроншавии алоқаҳои хоҷагидорӣ;
- пастравии сатҳи зиндагӣ – фарқияти даромаднокӣ дар байни аҳолӣ;
- шиддатнокии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷамъият.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

<u>Минтақаи озоди иқтисодӣ</u> дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст.

Ҳоло дар Тоҷикистон 4 минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият доранд:

- Минтақаи озоди иқтисодӣ «Суғд» – вилояти Суғд;

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

## Минтақаи озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

- **Минтақаи озоди иқтисодӣ «Данғара»** – вилояти Хатлон
- **Минтақаи озоди иқтисодӣ «Панҷ»** – вилояти Хатлон
- **Минтақаи озоди иқтисодӣ «Ишкошим»** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

# ТАРЗҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯИ БЕРУНА

Ҳадафҳои асосии таъсиси МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд аз:

- Ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияҳои муосир
- Рушди соҳаҳои саноатӣ ва инфрасохтор
- Эҷоди ҷойҳои нави корӣ
- Таъмини рушди минтақаҳои камбизоат
- Баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

**Имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ**

Барои ҷалби сармоягузорон, дар МОИ Тоҷикистон як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ пешниҳод мешаванд:

- Озодии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо барои воридот ва содироти молҳо;
- Озодии пурра аз пардохти андозҳо, ба истиснои:
- Андози иҷтимоӣ;
- Андоз аз даромад;

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

**Соҳаву имкониятҳои афзалиятнок**

Дар МОИ Тоҷикистон, соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ ва рушди истеҳсолот иборатанд аз:

- Саноати сабук (пӯшида, матоъ, хӯрокворӣ);
- Кимиё ва фармасевтӣ;
- Электроника ва таҷҳизоти саноатӣ;
- Энергетикаи барқии обӣ;
- Кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- Туризм ва инфрасохтори марбут.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

**Шартҳои ворид шудан ба МОИ**

- Барои ба қайд гирифтани субъект дар МОИ, соҳибкорон ва ширкатҳо бояд:
- Дар мақомоти марбута ба қайд гирифта шаванд;
- Барномаи тиҷоратии худро пешниҳод намоянд;
- Маблағи сармоягузории заруриро муайян кунанд;
- Шартнома бо маъмурияти МОИ имзо намоянд.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

Маблағгузорӣ дар **ташкили корхонаҳои муштарак (joint ventures)** яке аз роҳҳои муассири ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Корхонаи муштарак — ин як ширкати навтаъсисест, ки аз ҷониби ду ё зиёда шарик (яктои онҳо метавонад сармоягузори хориҷӣ бошад) ташкил шуда, дар он ҷонибҳо дар сармоягузорӣ, фоида ва идоракунӣ саҳм мегиранд.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

## Сармояи мустақими ширкатҳо

- Ҳар як шарик (масалан, ширкат ё шахси ҳуқуқӣ) ҳиссаи муайяни сармояро ворид мекунад: пулӣ, таҷҳизотӣ, амволи ғайриманқул, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ғайра.
- Саҳмияҳо ё саҳмҳо вобаста ба ҳиссаи сармоя тақсим мешаванд.

## Қарзҳо аз бонкҳо

- Корхона метавонад барои рушди фаъолият аз бонкҳои маҳаллӣ ё хориҷӣ қарз гирад.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

- Қарзҳо метавонанд ба таври кафолатнок аз ҷониби яке аз шарикон дастгирӣ шаванд.

**Грантҳо ва кӯмакҳои давлатӣ**

- Ҳукуматҳо ва созмонҳои байналмилалӣ метавонанд барои лоиҳаҳои муштарак, махсусан дар бахши саноат, кишоварзӣ ва энергетика, грантҳо диҳанд.
- Масалан, барномаҳои рушди минтақаҳо, дастгирии соҳибкории занон, ё рушди технологияҳои сабз.

# Тарзҳои ҷалби сармояи беруна

Омилҳои асосии ҷалби имкониятҳои хориҷи: иқтидори иқтисодӣ, захираҳои табии, захираҳои меҳнатӣ, технология ва хизматрасони ба ҳисоб меравад.

Омилҳои манфӣ дар саҳмгузорӣ:

- ҳолати ноустувори сиёсӣ (зиддиятҳои ташкилотҳои қонунгузор ва ҷорӣ кунанда, татбиқкунандагон, ҷангу ошубҳои дохилӣ);
- қонунгузориҳои номукамал – (аз тарафи ташкилотҳои дахлдор – пурра риоя накардани қонунҳо).

# Ҷамъбасти мавзуъ

Ҷалби сармояҳои хориҷӣ барои Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад, зеро он имконият фароҳам меорад, ки иқтисоди кишвар рушд ёбад, саноати ватанӣ мустаҳкам шавад ва сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардад. Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои дохилӣ ва ниёз ба таҷҳизот, технология ва таҷрибаи пешрафта, Тоҷикистон бояд робитаҳои сармоягузориро бо ширкатҳо ва давлатҳои хориҷӣ густариш диҳад.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Алексеев, И. Внешнеэкономическая деятельность / И. Алексеев. – М.: Дашков и К, 2011. – 304 с. 2. Алехнович, А. Внешнеэкономическая предпринимательская деятельность / А. Алехнович. – Мн.: Дикта, 2009. – 128 с

2. Внешнеэкономическая деятельность предприятия: Учебник для вузов/ Л.Е. Стровский, С.К. Казанцев, Е.А. Паршина и др.; Под ред. проф. Л.Е. Сгровского. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ, 1999.

3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025.